# КОНУНИ

# ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН

# Дар бораи мудофиа

(Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон, с.1995, №23-24, мод.366; с.1998, №23-24, мод.353; с.1999, №12, мод.310; с.2000, №11, мод.537; мод.549; с.2003, №4, мод.144; с.2004, №2, мод.36; с.2005, №3, мод.119; №12, мод.659; с.2007, №5, мод.357; с.2010, №12, к.1, мод. 804; с.2013, №7, мод.515;

Конуни ЧТ аз 26.07.2014 с., №1098)

Конуни мазкур асосхо ва ташкили мудофиаи Чумхурии Точикистон, ваколатхои макомоти хокимияти давлатӣ ва макомоти худидоракунии махаллӣ, корхонахо, муассисахо, ташкилотхо, шахсони мансабдор ва шахрвандонро дар сохаи мудофиа муайян мекунад.

## БОБИ 1.

## КОИДАХОИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Асосхои мудофиа**

Зери мафхуми мудофиа системаи тадбирхои сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ, харбӣ, хукукӣ, экологӣ ва гайра фахмида мешавад, ки ба таъмини мустакилият, якпорчагӣ ва дахлнопазирии худуди чумхурӣ, химояи манфиатхои давлат ва хаёти осоиштаи ахолӣ равона карда шудааст.

Мудофиа яке аз вазифахои мухимтарини давлат, кори тамоми халк ба хисоб меравад.

Мудофиа бо омодагии доимии Куввахои Мусаллах, иктисодиёт, худуд ва ахолии чумхурӣ барои пешгирии тахдиди тачовуз, инчунин зада гардонидани тачовузи имконпазир дар хама вакту холат асос меёбад.

Мудофиа тибки Конститутсияи (Сарконуни) Чумхурии Точикистон, санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, Доктринаи харбии Чумхурии Точикистон ва санадхои хукукии байналмилалие, ки Точикистон онхоро эътироф намудааст, ташкил ва татбик карда мешавад.

Барои мудофиа бо истифодаи воситахои муборизаи мусаллах Кув-вахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон бунёд карда мешаванд ва ӯхдадории харбии шахрвандони Чумхурии Точикистон мукаррар карда ме-шавад.

Ба мудофиа бо истифодаи воситахои муборизаи мусаллахона Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон, Гвардияи миллии Чумхурии Точикистон, Кумитаи холатхои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон, кӯшунхои дохилии Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон ва *Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон*, ки вазифахои тибки конунгузории Чумхурии Точикистон мукарраркардашудаи сохаи мудофиаро ичро мекунанд, чалб карда мешаванд. Дар мудофиаи Чумхурии Точикистон Куввахои мусаллахи дигар давлатхо дар асоси шартномахои байнидавлатӣ иштирок

карда метавонанд.
**(КЧТ аз 26.07.14с., № 1098)**

Ба гайр аз ин ба *Агентии таъмнноти амволи махсуси назди Хукумати Чумхурии Точикистон*, ки вазифахои хоси аз тарафи конунгузории Чумхурии Точикистон муайянкардашудаи сохаи мудофиаро ичро мекунад, чалб карда мешавад. **(КЧТ аз 29.12.10с., № 642)**

Мавчудият ва ташкили дигар сохторхои гайриконунии харбӣ дар Чумхурии Точикистон аз тарафи Конун таъкиб карда мешавад.

**Моддаи 2. Сиёсати харбии Чумхурии Точикистон**

Сиёсати харбии Чумхурии Точикистон чузъи сиёсати дохили ва берунаи давлат буда, аз чониби Президенти Чумхурии Точикистон муайян карда мешавад.

Сиёсати харбии Чумхурии Точикистон дар асоси ба хисоб гирифтани доктрина (таълимот)-и харбӣ ва асосхои мудофиа ташкил карда ме-шавад.

**Моддаи 3. Доктринаи харбии Чумхурии Точикистон**

Доктринаи харбии Чумхурии Точикистон аз рӯи усули басандагии мудофиа дар сохтмони Куввахои Мусаллах амал карда, ба он асос меёбад, ки Чумхурии Точикистон:

чанг ё истифодаи кувваи харбиро чун воситаи халли масъалахои байналхалкӣ эътироф намекунад;

давлати дорои силохи зарравӣ нест ва кӯшиши истехсол кардану ба даст овардани силохи зарравӣ ё истифодаи онро аз худуди худ надорад;

ба ягон давлат даъвои арзӣ надорад ва дар симои ягон халк душманро намебинад;

хеч гох, аввалин шуда ба мукобили хеч мамлакате амалиёти чангиро сар намекунад, агар худи вай хадафи тачовуз карор нагирад;

мухофизати сулх ва амнияти байналмилалиро чун кафолати пойдории ахли башар эътироф менамояд.

## Моддаи 4. Ташкили мудофиа

Ба ташкили мудофиа инхо дохил мешаванд:

танзими хукукӣ дар сохаи мудофиа;

тахия кардани сиёсати харбӣ ва доктринаи харбии Чумхурии Точикистон;

пешгӯӣ ва баходихӣ ба тахдиди харбӣ;

сохтмон, тайёрӣ ва дар холати омодагӣ нигох доштани Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, инчунин ба накша гирифтани истифо-даи онхо;

таъмини хамкории харбию сиёсӣ бо дигар давлатхо ва мутобик намудани куввахо барои пешгирии тачовуз;

хифзи сархади давлатӣ;

тахия, истехсол ва такмили **силоху** техникаи харбӣ, ба вучуд овардани захираи онхо;

омодагии сафарбаркунандаи макомоти хокимияти давлати, корхонаву муассисахо, иктисодиёт, худуд, воситахои мухобирот ва ахолии мамлакат;

тараккиёти илми харбӣ, конверсия ва реконверсияи саноати мудофиавӣ;

ба вучуд овардани захираи сарватхои моддӣ дар манбаъхои дав-латӣ ва сафарбаркунӣ;

ба накша гирифтан ва амалӣ гардонидани чорабинихои мудофиаи гражданӣ ва худудӣ;

таъмини махфӣ доштани сирри давлатӣ;

мутобик кардани фаъолияти макомоти хокимияти давлатӣ дар сохаи мудофиа;

назорати ичрои Конунхо дар сохаи мудофиа ва сарфи воситахои бучет барои мудофиа;

чорабинихои дигар дар сохаи мудофиа.

### *Моддаи 5. Конунгузории Чумхурии Точикистон дар бораи мудофиа*

*Конунгузории Чумхурии Точикистон дар бораи мудофиа ба Конститутсияи (Сарконуни) Чумхурии Точикистон асос ёфта, аз Конуни мазкур, дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, инчунин санадхои хукукии байналмилалие, ки Точикистон онхоро эътироф кардааст, иборат мебошад.*

**(КЧТ аз 26.07.14с., № 1098)**

## БОБИ 2.

## ВАКОЛАТХОИ МАКОМОТИ ХОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНИИ

## МАХАЛЛӢ ДАР СОХАИ МУДОФИА

**Моддаи 6. Салохияти Мачлиси миллӣ ва Мачлиси намояндагон дар сохаи мудофиа**

Мачлиси миллӣ ва Мачлиси намояндагон хангоми гузаронидани чаласахои якчоя:

- паёми Президенти Чумхурии Точикистонро оиди масъалахои мудофиа ва муайян намудани самтхои асосии сиёсати харбии давлат мешунаванд;

- ба истифодаи Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон берун аз худуди он барои ичрои ӯхдадорихои байналмилалии Точикистон ризоият медиханд;

- Президенти Чумхурии Точикистонро бо рутбаи олии харбӣ сарфароз мегардонанд;

- Фармонхои Президенти Чумхурии Точикистонро дар бораи чорӣ намудани холати чанг ва вазъияти фавкулодда, дар бораи истифодаи Куввахои Мусаллах ва дигар сохторхои харбӣ дар сурати ба вучудоӣ ё тахдиди бавучудоии задухӯрдхои мусаллахона дар худуди чумхурӣ, ки ба якпорчагӣ ва асоси конститутсионии давлат тахдид мекунанд, дар хусуси сафарбаркунии умумӣ ва чузъӣ, дар бораи чавобшавӣ аз онхо, дар бораи ташкил ва бархам додани хокимияти махаллии давраи чанг, катъ кардани чанг ва бастани сулх, дар бораи таъин ва озод намудани Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон тасдик мекунанд;

- Масъалахое, ки бо сархади давлатӣ вобастаанд, танзим намуда, тартиби онро мукаррар мекунанд.

Салохияти Мачлиси миллӣ:

- конунхоеро, ки аз тарафи Мачлиси намояндагон дар сохаи мудофиа кабул мешаванд, чонибдорӣ мекунад;

- барои таъин ва озод намудани сарпрокурори харбӣ ризоият медихад;

- судяхои коллегияи харбии Суди Олии Чумхурии Точикистонро интихоб мекунад ва бозмехонад;

- масъалаи бекор кардани дахлнопазирии судяхои коллегияи харбии Суди Олии Чумхурии Точикистонро баррасӣ менамояд.

Салохияти Мачлиси намояндагон:

- конунхоро дар сохаи мудофиа кабул менамояд менамояд;

-аз рӯи масъалахои мухокимашаванда дар доираи ваколатхои худ карорхо кабул мекунад ва ичрои онхоро назорат менамояд;

- бо пешниходи Президенти Чумхурии Точикистон хайат, сохтори умумӣ ва шумораи Куввахои Мусаллах ва сохторхои дигари харбиро, ки мувофики конунгузории Чумхурии Точикистон ташкил шудаанд, тасдик мекунад;

- доктринаи харбӣ ва хачми маблагчудокуниро аз бучет барои мудофиа тасдик мекунад;

- шартномахои байналмилалиро дар сохаи харбӣ тасдик ва бекор мекунад;

- рутбахои харбиро мукаррар мекунад;

- матни Савганди харбӣ, Оинномахои умумихарбӣ, байракхои чангӣ ва парчамхои Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро тасдик мекунад.

**Моддаи 7. Ваколатхои Президенти Чумхурии Точикистон дар сохаи мудофиа**

Президенти Чумхурии Точикистон хамчун *Сарфармондехи Олии* Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва Раиси Шӯрои амнияти Чумхурии Точикистон оиди таъмини кобилияти мудофиавии Чумхурии Точикистон ва омодагии доимии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон тамоми чорахои заруриро мебинад.
**(КЧТ аз 26.07.14с., №1
098
)**

Президенти Чумхурии Точикистон:

ба тасдики Мачлиси намояндагон Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон лоихахои доктринахои харбӣ, таклифхоро оиди хайат, сохтори умумӣ ва шумораи Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар сохторхои харбӣ, хачми харочоти бучет барои мудофиа пешниход мекунад;

фаъолияти ташкилотхои давлатиро дар сохаи мудофиа бо хам мутобик мегардонад;

Шӯрои амниятро ташкил намуда, ба он рохбарӣ мекунад;

самтхои асосии хамкориро бо давлатхои дигар ва ташкилотхои байналмилалӣ дар сохаи харбӣ муайян мекунад;

гуфтушунидхо мегузаронад ва оиди масъалахои харбӣ шартномахои байналмилалиро имзо менамояд;

барои гузаронидани озмоишхои махсуси аслихаву техника рухсат медихад;

консепсия ва накшахои сохтмони харбӣ, накшахои сафарбаркунӣ, стратегӣ ва гайраро, ки бо амалкунии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон алокаманданд, тасдик мекунад;

бо пешниходи Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон накшахои чобачогузории Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар сохторхои харбӣ, чобачокунии объектхои харбиро тасдик менамояд;

холати чанг, сафарбаркунии умумӣ ва чузъӣ, холати харбиро дар тамоми каламрави Чумхурии Точикистон ё дар махалхои алохидаи он эълон карда, бетаъхир ба тасдики чаласахои якчояи Мачлиси миллӣ ва Мачлиси намояндагон пешниход мекунад;

ба Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон барои амалиёти хар-бӣ фармон медихад;

оиди истифодаи Куввахои Мусаллах ва дигар сохторхои харбӣ дар сурати ба вучудоӣ ё тахдиди бавучудоии задухӯрдхои мусаллахона дар худуди чумхурӣ, ки ба якпорчагӣ ва асоси конститутсионии давлат тахдид мекунад, фармонхо медихад, ки баъдан ин карорхо дар чаласахои якчояи Мач-лиси миллӣ ва Мачлиси намояндагон тасдик карда мешаванд;

дар хусуси ташкил, аз дигар ташкил кардан ва бархам додани кисмхои харбӣ дар худуди шумораи мукарраркардаи Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон

фармон медихад;

дар бораи муваккатан ё доимӣ ба ихтиёри фаврии Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон додани сохторхои харбӣ фармон медихад;

санадхои меъёрии замони чангро дар амал чорӣ мекунад ва амали онхоро катъ менамояд, онхоро барои тасдик ба чаласахои якчояи Мачлиси миллӣ ва Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон пешниход менамояд;

оиди даъвати шахрвандони Чумхурии Точикистон ба хизмати харбӣ фармонхо мебарорад;

Низомномаро дар бораи Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, дар хусуси ёд намудани Савганди харбӣ оиди масъулияти моддии хизматчиёни харбӣ барои зарари ба давлат расонида ва дигар масъалахое, ки дар конунхо мустакиман ишора шудаанд, тасдик мекунад номгӯи мансабхоеро, ки ба онхо хайати олии афсарӣ таъин меша-ванд мукаррар мекунад;

накшаи мудофиаи гражданӣ ва худудии Чумхурии Точикистонро тасдик менамояд;

Вазири Мудофиаи Чумхурии Точикистонро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод *намуда, фармонро барои тасдик ба*
чаласахои якчояи Мачлиси миллӣ ва Мачлиси намояндагон пешниход менамояд;
**(КЧТ аз 26.07.14с., 1**
**098**
**)**

*Ситоди генералии*Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, фармондехони навъхои Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро бавазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

**рутбахои** олии харбиро медихад; **(КЧТ аз 29.12.10с., №642)**

барномахо ва накшахои давлатии тараккиёти аслиха ва техникаи харбиро дар хачми маблагхои чудокардашуда тасдик мекунад;

сиёсати харбии давлатиро муайян мекунад.

## Моддаи 8. Ваколатхои Шӯрои амнияти Чумхурии Точикистон

Шӯрои амнияти Чумхурии Точикистон аз рӯи масъалахои мудофиа ва амнияти Чумхурии Точикистон макомоти рохбарии дастчамъона ба шумор меравад.

Ваколатхои Шӯрои амнияти Чумхурии Точикистонро Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи амният» ва Низомнома оиди Шӯрои ам-нияти Чумхурии Точикистон, ки аз тарафи Президенти Чумхурии Точикистон тасдик карда мешавад, муайян мекунанд.

## Моддаи 9. Ваколатхои Хукумати Чумхурии Точикистон

Хукумати Чумхурии Точикистон дар доираи ваколатхои худ:

барои холати кобилияти мудофиавии Чумхурии Точикистон чавобгар аст;

ба фаъолияти макомоти ба вай тобеъ оиди таъмини мудофиа, тачхизонидани Куввахои Мусаллах ва дигар сохторхои харбӣ бо аслиха, техникаи харбӣ ва воситахои дигари моддӣ рохбарӣ мекунад;

хачми манбаъхои моддию техникӣ, хӯрокворӣ, амволу ашёи барои мудофиа, Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва сохторхои харбии дигар заруриро муайян мекунад;

тахия ва ичрои накшаву супоришхои сафарбаркунӣ, накшахои захи-раи манбаъхои сафарбаркунӣ ва давлатиро ташкил мекунад;

ташкили инфраструктураи Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар сохторхои харбиро таъмин менамояд;

ба мудофиаи гражданӣ, худудӣ, омодагии сафарбаркунӣ, сафарбаркунии иктисодиёт ва ба шароити замони чанг мувофик гардонидани он рохбарӣ мекунад, доир ба масъалахои мазкур санадхои меъёрии мувофик интишор мекунад;

дар сохаи харбӣ аз номи хукумати Чумхурии Точикистон ё аз номи Чумхурии Точикистон шартномахои байналмилалиро оиди масъалахое, ки бевосита ба салохияти Хукумати Чумхурии Точикистон дахл доранд, мебандад ва бекор мекунад;

дар худудӣ ваколатхои ба зиммааш гузошташуда ичрои ӯхдадорихоеро ташкил мекунад, ки дар шартномахои байналмилалии Чумхурии Точикистон оид ба масъалахои мудофиа дарч шудаанд;

оиди таъмини ичтимоии хизматчиёни харбӣ шахсоне, ки аз хизмати харбӣ озод шудаанд, инчунин аъзои оилахои онхо кори ташкилотхои тобеъро ташкил менамояд;

барои хайати граждании Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар сохторхои харбӣ, инчунин барои коргарону хизматчиёни корхонахо, муассиса ва ташкилотхои мудофиавӣ вобаста аз шароити мехнат имтиёзхо мукаррар мекунад;

тартиби супурдан, ба ичора додан, фурӯхтан, бархам додан ва аз хисоб баровардани аслихаву техникаи харбӣ, объектхои мудофиавӣ ва дигар амволи харбӣ пешниход ва истифодаи заминхо ва дигар манбаъхои табиии барои мудофиа зарурро мукаррар мекунад;

коркард ва истехсоли аслихаву техникаи харбӣ, конверсия, рекон-версия ва тараккиёти саноати мудофиавиро ташкил мекунад;

содирот ва воридоти аслихаву техникаи харбӣ ашёи стратегӣ, технологияи пешкадам ва махсулоти таъминоти гуногундарачаро назорат менамояд;

дар бораи ташкил, тагйири таъинот ва бархам додани корхонахои давлатии мудофиа, ташкилотхои тадкикотӣ илмӣ ва озмоишии конструкторӣ, муассисахои таълимии харбии **тахсилоти**
касбӣ, кафедрахои хар-бии назди муассисахои давлатии таълимии тахсилоти олии касбӣ карор кабул мекунад, инчунин аз рӯи ихтисосхои харбӣ тартиби тайёр кардани кадрхои афсариро муайян менамояд;

Низомномаи Вазорати Мудофиаи Чумхурии Точикистон дар бораи макомоти махаллии идоракунии харбӣ, оид ба тартиби адои хизмати харбӣ, дар хусуси бахисобгирии низомиён, даъватшудагон ва манбаъхои техника, дар бораи гузаронидани чамъомадхои харбӣ, оиди кафедрахои харбии назди муассисахои давлатии таълимии тахсилоти олии кас-бӣ ва дигар низомномахоеро, ки хаёту фаъолияти Куввахои Мусаллах ва дигар сохторхои харбиро танзим менамоянд, тасдик мекунад;

**муовинони** Вазири мудофиаи Чумхурии Точикистонро таъин меку-над. **(КЧТ аз 29.12.10с., № 642)**

**Моддаи 10. Ваколатхои хокимияти судӣ**

Хокимияти судӣ дар худуди ваколатхои худ дар таъмини мудофиа иштирок мекунад.

Дар сохтори макомоти хокимияти судӣ судхои Чумхурии Точикистон ташкил мешаванд, ки ваколатхои онхо бо Конуни Конститутсионии Чумхурии Точикистон «Дар бораи судхои **Чумхурии Точикистон**» муайян мегарданд.

**Моддаи 11. Ваколатхои Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон**

Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон:

барои холати омодагии чангии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон масъул аст;

мувофики санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон сиёсати сохаи сохтмони Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро татбик ме-намояд;

дар омода сохтани пешниходхо дар сохаи сиёсати харбӣ ва доктринаи харбии Чумхурии Точикистон ба Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон ва Президенти Чумхурии Точикистон иштирок менамояд;

пешниходхоро оиди лоихаи бучети харбӣ омода месозад ва ба Хукумати Чумхурии Точикистон пешниход менамояд, дар хусуси истифодаи маблагхои барои мудофиа чудогардида хисобот медихад;

таъминоти молиявӣ, техникӣ ва акибгохии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро амалӣ менамояд;

дар асоси конунгузории Чумхурии Точикистон адои хизмати харби-ро ташкил мекунад ва хифзи ичтимоии хизматчиёни харбӣ, хайати граж-дании Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, шахсони аз хизмати харбӣ чавобшуда ва аъзои оилаи онхоро таъмин менамояд;

тарбияи хукукӣ, маънавӣ ва харбии ватандустии хайати шахсии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистонро ташкил ва таъмин менамояд;

ба ташкилотхои мададгори мудофиа ва клубхои харбии ватандӯстӣ барои амалӣ намудани вазифахои оинномавии онхо ба манфиати мудо-фиа хамкорӣ менамояд;

дар асоси шартнома корхои тадкикоти илмӣ ва озмоиши конструкториро дар сохаи мудофиа, истехсол ва хариди аслиха ва техникаи хар-бӣ, озука, пӯшока ва амволи дигар, манбаъхои моддӣ ва гайрахо, инчунин корхои пудратӣ ва хизматхоро барои эхтиёчоти Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон дар худуди маблаги ба ин максадхо чудошуда фармоиш медихад ва маблаггузорӣ мекунад;

бо муассисахои харбии дигар кишвархо хамкорӣ мекунад;

ба илми харбӣ рохбарӣ мекунад, тадкикоти илмии харбӣ ташкил мекунад ва мегузаронад;

ичрои конунгузориро дар сохаи мудофиа дар Куввахои Мусаллах, инчунин конунгузории чории Чумхурии Точикистонро дар бобати хифзи мухити зист хангоми фаъолияти онхо таъмин менамояд;

дар худуди ваколати худ сиёсати кадриро дар Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон амалӣ менамояд;

муборизаро бар зидди терроризм аз чумла таъминкунии амнияти худии зидди терроризм аз чумла таъминкунии мукаррарнамудаи хамин Конун, дигар конунхо ва санадхои меъёрию хукукӣ ба амал мебарорад;

дигар ваколатхоро, ки дар асоси низомномахои Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон ва Ситоди генералии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон пешбинӣ шудааст, ичро мекунад.

**Моддаи 12. Ваколатхои вазоратхо ва идорахои Чумхурии Точикистон дар сохаи мудофиа**

Вазоратхо ва идорахои Чумхурии Точикистон:

ба тайёрии сафарбарӣ дар системаи вазоратхо ва идорахо рохбарӣ менамоянд ва дар лоихахои тараккиёти иктисодӣ ва ичтимоии соха оиди истехсоли махсулот ва молхои таъиноти харбӣ, сохтмони объектхои мудофиавӣ, тайёр намудан ва такмил додани дониши харбии куввахои дар эхтиёт буда, чудо намудани маблагхои даркории моддию молиявӣ барои эхтиёчи мудофиа ва ичрои вазифахои сафарбарӣ фармоишхои дахлдор пешбинӣ менамоянд;

ташкил, тараккӣ ва нигохдории иктидорхои сафарбарӣ, чамъоварии резервхои давлатӣ ва сафарбариро анчом медиханд;

чорабинихои мудофиаи граждан ӣ ва худудиро ташкил намуда, мегузаронанд ва ичрои онро аз тарафи сохторхои идоракунӣ ва истехсолии тобеъашон назорат намуда, барои ин максадхо маблаг чудо мекунанд;

ичрои санадхои меъёрии хукукиро оид ба масъалахои мудофиа дар соха ва харчи маблагхоеро, ки ба сохторхои тобеъ барои мудофиа чудо карда мешаванд, назорат мекунанд.

Дигар ваколатхои вазорату идорахои Чумхурии Точикистон аз та-рафи Хукумати Чумхурии Точикистон муайян мегарданд.

## Моддаи 13. Ваколатхои макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ва худидоракунии махаллӣ

Макомоти махаллии хокимияти давлатӣ ва макомоти **худидоракунии** махаллӣ дар доираи ваколатхои худ барои холати мудофиа, аз чумла му-дофиаи гражданӣ ва худудӣ масъуланд ва таъмини чорабинихои зеринро ба ӯхда доранд:

ичрои хатмии *конунгузории Чумхурии Точикистон дар бораи мудофиа* аз тарафи ташкилоту муассисахои тобеъ, шахсони мансабдор ва шахрвандон;
**(КЧТ аз 26.07.14с., 1**
**098**
**)**

таъмин кардани Куввахои Мусаллах ва дигар сохторхои харбӣбомахсулоти истехсоли махаллӣ, бо об, кувваи баркию гармӣ, воситахои алока, хизматрасонии коммуналию манзилӣ ва гайра;

ичрои чорабинихои хифзи ичтимоӣ-хукукии хизматчиёни харбӣ, даъватшавандагон, шахсони ӯхдадори харбӣ ва аъзои оилаи онхо ба тавре, ки конун муайян намудааст;

кайди харбӣ ва тайёрии шахрвандон ба хизмати харбӣ, даъвати онхо ба хизматм харбӣ, чамъомадхои харбӣ ва сафарбарӣ;

ичрои барномаи гузаронидани иктисодиёт ба низоми кории холати чангӣ, чихозонидани каламрави кишвар ба манфиати мудофиа;

ичрои накшаю супоришхои сафарбарӣ;

хифозати кабристонхои харбӣ ва дигар объектхои харбие, ки хотираи шахсони дар рохи мухофизати Ватан халокшударо абадӣ мегардонанд.

чудо намудани китъахои замин барои эхтиёчоти мудофиа ва назорат ба истифодаи онхо;

кӯмак расонидан ба чойгиронӣ ва манзилгирии кӯшун;

хамкорӣ бо макомоти идоракунии харбӣ ва идоракунии кӯшун дар махалхо оиди масъалахои мудофиа.

## БОБИ 3.

## ВАЗИФАХОИ КОРХОНАХО, МУАССИСАХО, ТАШКИЛОТХО ВА ШАХСОНИ МАНСАБДОР,

## ХУКУК ВА ВАЗИФАХОИ ШАХРВАНДОН ДАР СОХАИ МУДОФИА

### Моддаи 14. Вазифахои корхонахо, муассисахо ва ташкилотхо дар сохаи мудофиа

Корхонахо, муассисахо ва ташкилотхо новобаста аз тобеияти идорӣ ва шакли моликияташон мутобики санадхои конунгузорӣ ва дигар санадхои меъёрии **хукукии** Чумхурии Точикистон:

фармоишхои давлатӣ ва ӯхдадорихои шартномавиро оиди ташкил, истехсол, таъин ва таъмири аслиха ва техникаи харбӣ, дигар амвол ва ресурсхои харбӣ, корхои пудратӣ ва адои хизматхо барои эхтиёчи Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар вохидхои харбӣ ичро мекунанд;

тадкикоти илмӣ ва иктишофоти сохаи мудофиаро анчом медиханд;

тибки барномахои сафарбарӣ иктидори резервхои лозимаи сафарбариро ташкил медиханд ва дар холати омодагӣ нигох медоранд, вазифахои харбии наклиётӣва коммуникатсионӣва дигар супоришхоро ичро мекунанд;

дар чорабинихои мудофиаи гражданӣ ва худудӣ иштирок менамоянд;

ба коркунони худ барои ичрои ӯхдадорихои харбиашон шароити мусоид фарохам меоваранд;

барои эхтиёчи мудофиа, ки тибки Конуни мазкур муайян гардидааст, харочоти лозима мекунанд;

барои ичрои накшаи гузаронидани иктисодиёт ба кори шароити давраи чанг чорачӯӣ мекунанд;

шахрвандонеро, ки барои хизмати харбӣ даъват мешаванд ва ӯхдадорони харбиро ба кайди харбӣ гирифта, кормандонро дар давраи чанг брон мекунанд.

Шахсони мансабдор тибки мансаби ишголкардаашон бояд вазифахои худро оиди масъалахои мудофиа, агар чунин вазифахо мутобики конунгузорӣ ва дигар санадхои меъёрии **хукукии**Чумхурии Точикистон пешбинӣ шуда бошанд, донанд ва ичро намоянд.

**Моддаи 15. Вазифахои иттиходияхои чамъиятӣ ва ташкилотхои мусоидати мудофиа**

Иттиходияхои чамъиятӣ, воситахои ахбори омма, ташкилотхои мусоидати мудофиа дар фаъолияти худ бояд конунхои Чумхурии Точикистонро риоя намоянд, ба фошгардии сирри давлатӣ рох надиханд, дар мустахкам гардонидани кобилияти мудофиавии давлат ва тарбияи харбӣ-ватандӯстии шахрвандон кӯмак расонанд аз имкониятхои худ истифода бурда, дар ичрои вазифахои сафарбарии замони чанг иш-тирок намоянд.

Ташкилотхои мусоидати мудофиаи Чумхурии Точикистон илова бар ин барои сифати тайер намудани мутахассисон аз рӯи талабномахои Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон барои Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар вохидхои харбӣ масъуланд ва вазифадоранд, ки:

навъхои варзиши техникӣ, авиатсионӣ, харбӣ-амалӣ ва эчодиёти техникаи чавононро равнак диханд;

дар асоси худмаблаггузорӣ тайёр намудани шахсони дорои ихтисосхои оммавии техникаро, ки ахамияти харбӣ-амалӣ доранд, ба рох монанд;

дар вакти чанг дар таълими умумии харбии ахолӣ ва бо истифодаи имкониятхои худ хал намудани вазифахои сафарбарӣ иштирок кунанд.

Фаъолияти хизбхои сиёсӣ ва дигар иттиходияхои чамъиятӣ, ки ба хароб намудани Мудофиа ва тайёрии чангии Куввахои Мусаллах ва ди-гар вазифахои харбии Чумхурии Точикистон равона гардидааст, манъ аст.

**Моддаи 16. Хукук ва вазифахои шахрвандони Чумхурии Точикистон дар сохаи мудофиа**

Хифзи Ватан, химояи манфиатхои давлат, тахкими истиклолият, амният ва иктидори мудофиавӣ вазифаи мукаддаси конститутсионии хар як шахрванди Чумхурии Точикистон буда, хизмат дар Куввахои Мусаллахи он вазифаи фахрӣ мебошад.

Шахрвандони Чумхурии Точикистон мутобики конун:

Ӯхдадории харбиро ичро мекунанд ё ихтиёрӣ ба хизмати харбии дохил мешаванд;

дар чорабинихои мудофиаи гражданӣ ва худудӣ иштирок мекунанд;

метавонанд корхонаву ташкилотхои чамъиятӣ, ки барои мустахкам намудани мудофиа равона гардидаанд, ташкил кунанд:

дар вакти чанг бо талаби макомоти амалкунандаи хокимият бинохо, иншоотхо, воситахои наклиёт ва дигар амволеро, ки моликияти онхост, бо рохи минбаъд аз тарафи давлат чуброн кардани онхо барои эхтиёчоти мудофиа медиханд.

## БОБИ 4.

## КУВВАХОИ МУСАЛЛАХИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН ВА ДИГАР ВОХИДХОИ ХАРБӢ

### Моддаи 17. Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон

Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон сохтори харбии давлатӣ мебошад, ки барои мухофизати мусаллахонаи истиклолият ва тамомияти арзии чумхурӣ аз тачовуз таъин

гаштааст.

Вазифа, тартиби пуррасозӣ ва идоракунии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон тибки Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи Кув-вахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон» ва дигар санадхои конунгузорӣ муайян мегардад.

**Моддаи 18. Вохидхои дигари харбӣ**

Таъинот, вазифахо, тартиби пурра кардан ва идоракунии вохидхои харбии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон, Гвардияи миллии Чумхурии Точикистон, кӯшунхои дохилии Вазорати корхои дохилии Чумхурии Точикистон, *Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати ичрои чазои чиноятии Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон*, кӯшунхои мудофиаи граждании Кумитаи холатхои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва *Агентии таъмнноти амволи махсуси назди Хукумати Чумхурии Точикистон* тибки конунгузории Чумхурии Точикистон мукаррар карда мешаванд. **(КЧТ аз 29.12.10с., 642; аз 26.07.14с., 1098)**

Дар замони чанг вохидхои харбии номбурда ба хайати Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон дохил мешаванд.

## БОБИ 5.

## ХОЛАТИ ЧАНГ. ВАЗЪИЯТИ ХАРБӢ. САФАРБАРКУНӢ

### Моддаи 19. Холати чанг. Замони чанг

Холати чанг дар сурати ба хатари вокеӣ дучор шудани амнияти давлат, ки дар шакли тачовуз ё хатари тачовузи зидди Чумхурии Точикистон ифода ёфтааст, инчунин дар сурати зарурати ичрои ӯхдадорихои байналмилалии Чумхурии Точикистон, аз тарафи Президенти Чумхурии Точикистон эълон мегардан. Бо эълони холати чанг ё огози амалиёти харбӣ замони чанг фаро мерасад. Огози замони чанг рӯз ва соати эъ-лони холати чанг ё тачовуз ба Чумхурии Точикистон хисоб меёбад.

Анчоми замони чанг рӯз ва соати эълоншудаи ба охир расидани амалиёти харбӣ хисоб меёбад.

Дар сурати тачовуз ба Чумхурии Точикистон Шӯрои амнияти Чумхурии Точикистон, фармондехии харбӣ, макомоти хокимияти давлатӣ ва худидоракунии махаллӣ эълони чангро интизор нашуда, вазифадоранд барои зада гардонидани тачовуз тамоми чорахоро *андешанд*. **(КЧТ аз 26.07.14с., 1098)**

### Моддаи 20. Вазъияти харбӣ

Вазъияти харбӣ дар махалхои чудогона ё дар тамоми каламрави чумхурӣ дар сурати эълони холати чанг ё хангоми хатари вокеии амни-яти давлат, ки дар хатари тачовуз ё тачовузи зидди Чумхурии Точикистон ифода ёфтааст, аз тарафи Президенти Чумхурии Точикистон чорӣ мегардад.

Бо чорӣ гардидани вазъияти харбӣ ваколатхои фармондехии харбӣ васеъ мегардад, ба ӯ вазифахои макомоти хокимияти ичроия дар сохаи мудофиаи тибки тартиби муайяннамудаи конун мегузарад.

Дар давоми вазъияти харбӣ барои манфиати мудофиа фаъолияту хукуки корхонахо, идорахо ва ташкилотхо, инчунин хукуки конститутсионӣ ва озодии шахрвандон махдуд гардида, ваколатхои макомоти дахлдори хифзи хукук васеъ мегардад.

Вазъияти харбӣ баробари бартараф шудани хатари тачовуз ё анчоми холати чанг бекор карда мешавад.

Низоми холати харбӣ тибки конунгузории Чумхурии Точикистон муайян мегардад.

**Моддаи 21. Сафарбарӣ**

Бо эълони холати чанг ё вазъияти харбӣ сафарбарии умумӣ ё чузъӣ ба максади татбики чорабинихо барои гузаронидани макомоти хокими-яти давлатӣ ва **худидоракунии** махаллӣ, корхонахо, идорахо ва ташкилотхо аз низоми кори замони осоишта ба низоми кори замони чанг, инчу-нин гузаронидани Куввахои Мусаллах ва дигар сохторхои харбии Чумхурии Точикистон ба ташкил, хайат ва идоракунии кӯшунхо, ки барои замони чанг пешбинӣ гардидааст, эълон карда мешавад.

Тартиби омода кардан ва гузаронидани сафарбарӣ тибки конунгузо-рии Чумхурии Точикистон муайян мегардад.

## БОБИ 6

## МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ВА ХУДУДӢ

### Моддаи 22. Мудофиаи гражданӣ

Мудофиаи гражданӣ ба максади хифзи ахолӣ, корхонахо, идорахо ва ташкилотхо аз харобшавӣ ва дигар хатархо, ки дар натичаи амалиёти чангӣ, инчунин дар холати офатхои табиӣ, садамахо, фалокатхо, эпидемияхо, муромурии хайвонот ва дигар холатхои фавкулодда ба амал меоянд, ташкил мегардад.

Таъинот, вазифахо, ташкилва идоракунии мудофиаи гражданӣ тибки конунгузории Чумхурии Точикистон муайян мегарданд.

### Моддаи 23. Мудофиаи худудӣ

Мудофиаи худуди ба максади бастан, мудофиа ва мухофизат кардани сархади давлатӣ, объектхои мухим ва роххои алока аз хучуми душман, мубориза бо десантхои он ва

гурӯххои диверсионӣ-иктишофӣ нигох доштани тартиботи холати харбӣ ташкил мегардад.

Вазифахо ва ташкили мудофиаи худудӣ, тартиби хамкории куввахо ва воситахои он тибки конунгузории Чумхурии Точикистон муайян мегардад.

## БОБИ 7.

## ТАЪМИНОТИ□ ИКТИСОДИИ□ МУДОФИА

### Моддаи 24. Омода сохтани иктисодиёт ба таъмини мудофиа

Омода сохтани иктисодиёт ба таъмини мудофиа ба ӯхдаи Хукумати Чумхурии Точикистон гузошта мешавад.

Барои омода сохтани иктисодиёт ба таъмини мудофиа дар замони осоишта инхо пешакӣ ташкил ва истифода мешаванд:

иктидори илмӣ-техникӣ ва кудрати истехсолӣ барои гузаронидани тахкикот, коркард ва ташкили истехсоли маводи таъиноти харбӣ ва мудофиавӣ;

системахои гункунии захирахои моддӣ, манбаъхои молиявӣ ва моддӣ;

системахои нархгузорӣ, андозхо, карзхо, мӯчизоти иктисодӣ, меъёрӣ ва ичрои фармоишхои давлатӣ ва шартномахои хусусияти мудофиавӣ дошта;

системахои чорабинихо дар бобати омодагии сафарбарии иктисо-диёт ва идоракунии он дар замони осоишта.

**Моддаи 25. Таъмини кадрии мудофиа**

Ба максади конеъ гардонидани талаботи мудофиа омӯзиш ва бозомӯзии кадрхои харбӣ дар муассисахои харбии таълимии тахсилоти касбӣ ва дар кафедрахои харбии назди муассисахои давлатии таълимии **тахсилоти** олии касбӣ, инчунин, тибки созишномахои байнидавлатӣ дар хорича сурат мегирад.

Барои ичро намудани чорабинихо дар сохаи мудофиа, аз чумла мудофиаи гражданӣ ва худудӣ дар назди вазоратхо шуъбахои махсус ва намояндагии харбӣ ташкил мегарданд, ки ваколати онхоро Хукумати Чумхурии Точикистон муайян мекунад.

**Моддаи 26. Таъмини молиявӣ ва моддӣ-техникии мудофиа**

Таъминоти молиявии эхтиёчоти мудофиа, сохтмон ва нигохдории Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар вохидхои харбӣ аз хисоб ва дар худуди маблаге, ки дар бучети чумхурӣ пешбинӣ шудааст ва таъминоти моддӣ-техникӣ ба таркиби хакки аввалиятдорӣ сурат мегирад.

**Моддаи 27. Истифодаи амвол ба манфиати мудофиа**

Объектхои харбӣ, хамаи навъхои силох, техникаи харбӣ, лавозимоти чангӣ ва дигар амволи харбӣ-техникӣ моликияти чумхуриявӣ хисоб меёбанд ва дар ихтиёри оперативии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон ва дигар вохидхои харбӣ мебошанд. Зимнан объектхои харбие, ки аз тарафи сохторхои номбурда дар замони осоишта истифода намегарданд, бояд консерватсия карда шаванд ва ба макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ барои истифодаи муваккатӣ (аз чумла ба ичора) дода шаванд.

Дар холате, ки истифодаи объектхои мудофиавӣ нолозим мегардад, ин объектхо метавонанд тибки шарту тартибе, ки Хукумати Чумхурии Точикистон муайян менамояд, фурӯхта шаванд.

**Моддаи 28. Додани замину иншоот, объектхо ва амволи дигар ба□рои эхтиёчоти мудофиа**

**Замин**, дигар манбаъхои табиии барои эхтиёчоти мудофиа тибки шарту тартибе, ки конунгузорӣ муайян намудааст, дода, зиёну талафи вобаста ба гирифта шудани замину манбаъхои табиӣ барои эхтиёчи му-дофиа чуброн карда мешаванд.

Ба идорахои харбӣ додани бинохо, иншоот, объектхо ва дигар амвол ва баргардонидани онхо хамчунин мутобики тартибе сурат мегирад, ки конунгузорӣ муайян кардааст.

**БОБИ 8.**

## ЎХДАДОРИХОИ ХУКУКИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН

### Моддаи 29. Риояи меъёрхои хукукии байналмилали

Чумхурии Точикистон хангоми ташкил ва амалӣ кардани мудофиа вазифадор аст, ки меъёрхои хукуки башар ва шартномахоеро, ки худ иштирокчии он аст, риоя намояд.

Чумхурии Точикистон хангоми ташкил ва амалӣ кардани мудофиа бартарии санадхои хукукии байналмилалиро дар сохаи мудофиа ва амният нисбати конунгузории миллӣ дар ин сохахо эътироф мекунад.

Дар холатхои ба санадхои хукукии байналмилалӣ мувофикат накардани конунхо ва санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон дар сохаи мудофиа санадхои хукукии байналмилалӣ ба кор бурда мешаванд.

### Моддаи 30. Хамкории Чумхурии Точикистон бо дигар давлатхо дар сохаи мудофиа

Чумхурии Точикистон ба Оинномаи Созмони Милали Муттахид дар хусуси хукуки мудофиаи инфиродӣ ва коллективӣ такя намуда, бо ди-гар кишвархо дар сохаи сохтмони харбӣ ба максади таъмини мудофиаи якчоя аз тачовуз, нигохдории амният ва сулхи байналхалкӣ хамкорӣ менамояд.

## БОБИ 9.

## МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ВАЙРОН НАМУДАНИ КОНУНГУЗОРӢ ОИДИ МУДОФИА

### Моддаи 31. Масъулият барои вайрон намудани конунгузорӣ оиди мудофиа

Агар шахсони мансабдор ва шахрвандон конуни мудофиаро ичро накунанд ва ё ба таври бояду шояд ичро накунанд, мутобики конунгузории Чумхурии Точикистон ба чавобгарӣ кашида мешаванд.

**Президенти**

**Чумхурии Точикистон** **Э. Рахмонов**

ш. Душанбе, 4 ноябри соли 1995

№ 208